**ПРОТОКОЛИ № 35**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон**

**аз 17.10.2025** **ш.Душанбе**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар

**Раиси шуро:** Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2025, №171/шд тасдиқгардида 16 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 5 нафарашон доктирони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдорӣ он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи "Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09-Сабзавотпарварӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ д.и.б., аъзои вобастаи АМИТ, профессор Алиев Қ.А. ва аъзои комиссия д.и.к., профессор Бобохонов Р.С., н.и.к. Баротов Ф.М. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи "Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш" ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи "Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09-Сабзавотпарварӣ пешниҳод шудааст, шунида баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи "Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09-Сабзавотпарварӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Садридинов Сайфидин** – доктори илмхои кишоварзӣ, сарходими илмии шуъбаи тадқиқоти иқтисодиёти воқеии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- **Солиев Зокирхоҷа Маҳмудхоҷаевич** - доктори илмҳои кишоварзӣ, муовини директор оид ба илм, инноватсия ва равобити байналмилалии филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар ш.Исфара

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии Данғара таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 29 декабри соли 2025 соати 14.00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор-16 нафар, муқобил-нест, бетараф-нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор — Салимзода А.Ф.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ — Пӯлотова Ш.С.